**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МТҒ "ДОНИШКАДАИ ТИББӢ-ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН"**

«Тасдиқ мекунам»
Ректори МТҒ « Донишкадаи тиббӣ- иҷтимоии Тоҷикистон»
_______________ Ибодзода З.Ҳ.
аз "___" _______ 2024.

# НИЗОМНОМА

**дар бораи тартиби ворид намудани тағйиру иловаҳо ба мухтавои барномаи таҳсилоти (корӣ) дар МТҒ «Донишкадаи тиббӣ - иҷтимоии Тоҷикистон»**

Душанбе - 2024

## МУНДАРИҶА:

1.Муқаррароти умумӣ

2.Мақсади ворид намудани механизми тағйиру иловаҳо ба мухтавои барномаи корӣ

3.Таҳияи барномаи корӣ

4.Тартиби ворид намудани механизми тағйиру иловаҳо ба мухтавои барномаи корӣ (МТИМБК)

5. Тартиби таҳия, тасдиқ ва нигаҳдории барномаи таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (БТ МТОК)

6. Вазифаҳои БТ МТОК



Сканировано с CamScanner

# 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Низомномаи дар бораи ворид намудани механизми тағйиру иловаҳо ба муҳтавои барномаи корӣ дар МТҒ «Донишкадаи тиббӣ - иҷтимоии Тоҷикистон» (минбаъд — Низомнома) талаботи ягонаеро муайян менамояд, ки нисбат ба сохтор ва муҳтавои барномаҳои асосии таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи ихтисосҳое, ки дар МТҒ «Донишкадаи тиббӣ - иҷтимоии Тоҷикистон» амалӣ мегарданд (минбаъд — Донишкада), пешниҳод мешаванд, инчунин тартиби таҳия, тағйир, навсозӣ ва тасдиқи онҳоро муқаррар менамояд.

1.2. Барномаи таълимии муасисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (минбаъд- БТ МТОК) аз рӯи самти тайёркунӣ (ихтисос) маҷмӯи санадҳои меъёрӣ-методӣ мебошад, ки дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилоти олӣ таҳия гардида, аз ҷониби донишкада тасдиқ карда мешавад ва ҳадафҳо, натиҷаҳои интизоршаванда, муҳтаво, шароит ва технологияҳои татбиқи раванди таълим ва тарбия, инчунин арзёбии сифати тайёрии донишҷӯён ва хатмкунандагонро муайян менамояд.

1.3. Низомномаи мазкур дар асоси санадҳои амалкунандаи соҳаи таҳсилоти олии касбӣ таҳия шудааст: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олӣ ва таҳсилоти олии касбии баъдидипломӣ»; Консепсияи ислоҳоти таҳсилоти тиббӣ ва фармасевтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; «Низомнома дар бораи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»; Стандартҳои давлатии таҳсилот аз рӯи ихтисосҳои « Кори табобатӣ», «Стоматология», «Фарматсия», «Психологияи тиббӣ», «Кори иҷтимоӣ» (фаъолияти иҷтимоӣ-тиббӣ-психологӣ); Оинномаи МТҒ «ДТИТ».

1.4 Низомномаи мазкур санади дохилӣ мебошад, ки навсозии барномаи таълимиро мувофиқи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба талаботи бозори меҳнат танзим мекунад.

1.5. Тағйирот ҳар сол пеш аз оғози соли таҳсил ворид карда мешавад ва дар протоколи кафедра, варақаи тағйирот сабт карда мешавад ва аз тарафи муовини ректор тасдиқ карда мешавад.

1.6. Дар Низомномаи мазкур истилоҳҳо ва мафҳумҳои зерин истифода мешаванд:

кредит — воҳиди ченаки ҳаҷми меҳнатии сарбории таълимии донишҷӯ (1 кредит = 24 соати академӣ, 1 соати академӣ = 50 дақиқа);



Сканировано с CamScanner

дониш — фаҳмиш, ҳифз ва тавоноии бозгӯии далелҳои асосии илмӣ;

маҳорат — қобилияти татбиқи дониш дар амал;

малака — амали автоматикунонидашудаи ба дараҷаи баланд расида;

салоҳият — хусусияти маҷмӯии қобилият ва омадагии донишҷӯён барои нишон додан ва тадбиқ намудани донишҳо, малакаҳо ва маҳоратҳои дар натиҷаи азхудкунии барномаи таълимӣ бадастомада, инчунин сифатҳои шахсиятӣ дар ҳолатҳои стандартӣ в тағйирёбандаи фаъолияти касбӣ мебошад.

1.7. БТ МТОК ҳадафҳо, натиҷаҳо, муҳтаво, технологияҳои таълим ва арзёбии сифати хатмкунандагонро муайян мекунад.

1.8. Донишкада дастрасии озод ба БТ МТОК-ро тавассути ҷойгиркунии он дар сомонаи расмии худ **www.msi.tj** таъмин менамояд.

1.9. Низомномаи мазкур барои ҳамаи омӯзгорон ва кафедраҳои донишкада дар раванди таълим ҳатмӣ мебошад.

## 2. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ ВОРИД НАМУДАНИ МЕХАНИЗМИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА МУҲТАВОИ БАРНОМАИ КОРӢ

2.1. Мақсад — ташаккули модели тайёркунии мутахассис, ки ҳадафҳо, натиҷаҳо, муҳтаво, усулҳо, технологияҳо, арзёбӣ ва таъминоти захиравии раванди таълимро инъикос намуда, озодии академии омӯзгорон ва донишҷӯёнро таъмин мекунад.

2.2. Вазифаҳо:

- муайян намудани муҳтавои асосии БТ;
- таъмини пайдарпайӣ ва якпорчагии барнома;
- муайян намудани нақш ва масъулияти фанҳо ва кафедраҳо;
- муқаррар намудани таносуби оқилона байни дарсҳои назариявӣ ва амалӣ;
- муайян намудани низоми назорати сифати таълим;
- интихоби технологияҳо ва усулҳои самараноки таълим;
- муайян намудани таъминоти методӣ ва захиравӣ.

## 3. ТАҲИЯИ БАРНОМАИ КОРӢ

3.1. Таҳия ва тасдиқи барномаҳои таълимӣ салоҳияти муассисаи таълимӣ мебошад.

3.2. Барномаи корӣ қисми таркибии барномаи таълимӣ мебошад.

3.3. Омӯзгор барномаҳои кориро таҳия намуда, иҷрои пурраи онҳоро таъмин мекунад.



Сканировано с CamScanner

3.4. Барномаҳои корӣ барои тамоми сатҳи таҳсил таҳия мегарданд.

3.5. Барномаҳои корӣ барои ҳамаи фанҳо, курсҳо ва машғулиятҳо таҳия мешаванд.

3.6. Барномаи корӣ аз ҷониби як ё якчанд омӯзгор таҳия мегардад.

3.7. Омӯзгор метавонад тартиб ва муҳтавои омӯзишро бо риояи мантиқи фан тағйир диҳад.

3.8. Тағйироти солона дар шакли тавзеҳот инъикос меёбанд.

## 4. ТАРТИБИ ВОРИД НАМУДАНИ МЕХАНИЗМИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО (МТИМБК)

4.1. Тағйирот бояд асоснок бошанд (зиёда аз 30% — экспертизаи беруна талаб карда мешавад).

4.2. Сабабҳои тағйирот метавонанд хусусиятҳои аудитория ва сатҳи омодагии донишҷӯён бошанд.

4.3. Сохтори МТИБК:

- муқаррароти умумӣ;
- мақсад ва вазифаҳо;
- сохтори тағйиру иловаҳо;
- тартиби тасдиқ ва навсозӣ.

4.4. БТ МТОК санади асосии меъёрии дохили донишгоҳӣ мебошад.

4.5. Барномаи корӣ бояд ба стандартҳо, нақшаи таълимӣ ва рӯйхати китобҳои дарсӣ мувофиқат намояд.

4.6. Дар сурати номувофиқатӣ барнома барои такмил баргардонда мешавад.

4.7. Барномаи мувофиқ то 31 август тасдиқ мегардад.

4.8. Ҳамаи тағйирот дар давоми соли таҳсил бояд мувофиқа карда шаванд.

## 5.ТАРТИБИ ТАҲИЯ, ТАСДИҚ ВА НИГАҲДОРИИ БАРНОМАИ ТАЪЛИМИИ МУАСИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ (БТ МТОК)

5.1.Таҳиягарони Барномаи таълимии муасисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (БТ МТОК) гурӯҳҳои корӣ мебошанд, ки ба ҳайати онҳо кумитаҳо оид ба барномаҳои таълимии ихтисосҳо (комиссияҳои таълимӣ-методӣ аз рӯи ихтисосҳо), деканҳои факултетҳо, методистони ихтисосҳо ва кафедраҳои тахассусӣ дохил мешаванд. Ба ҳайати гурӯҳи корӣ инчунин метавонанд мутахассисони Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии



Сканировано с CamScanner

аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагони ҷомеаи тиббӣ шомил гарданд.

5.2.Гурӯҳҳои корӣ оид ба таҳияи БТ МТОК ва дигар ҳуҷҷатҳои таълимӣ-методӣ аз ҷониби деканатҳои факултетҳо таъсис дода мешаванд. Масъулият барои таҳия ва татбиқи Барномаҳои асосии таълимиро Раиси Шӯрои таълимӣ-методии донишкада ва деканҳои факултетҳо ба уҳда доранд.

5.3.Шуъбаи таълимӣ лоиҳаи «Низомнома дар бораи тартиби таҳия, тасдиқ ва навсозии БТ МТОК – барномаҳои специалитет дар МТҒ «ДТИТ»-ро таҳия намуда, намунаҳои ҳуҷҷатҳое, ки ба сохтори барномаи таълимӣ дохил мешаванд, омода месозад ва ба деканатҳо ҳангоми таҳияи ҷадвали таълимии солона ва нақшаи таълимии барнома кӯмаки машваратӣ, методӣ ва техникӣ мерасонад.

5.4.Шуъбаи таҷрибаомӯзӣ якҷо бо кафедраҳо барномаҳои таҷрибаомӯзиро барои барномаҳои таълимӣ таҳия менамояд.

5.5.Дар тавсифи умумии БТ МТОК заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии таҳияи барнома, рисолат (мақсад), вазифаҳо, тахассусе, ки ба хатмкунандагон дода мешавад, мӯҳлати таҳсил, шакли таҳсил, ҳаҷми барномаи специалитет, талабот ба сатҳи омодагии зарурӣ барои азхудкунии БТ МТОК аз рӯи ихтисоси дахлдор, забони татбиқи фаъолияти таълимӣ ва истифодабарандагони асосии БАТ ТОК нишон дода мешаванд.

5.6.Рисолат (мақсад)-и БТ МТОК аз омода намудани мутахассисони баландихтисос, рақобатпазир дар соҳаҳои тиббӣ ва фарматсевтӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, анҷом додани тадқиқоти илмии фундаменталӣ ва амалӣ ва тайёр намудани кадрҳои сатҳи олӣ дар асоси онҳо, инчунин таъмини раванди тарбия ва ҳифзи иҷтимоии донишҷӯён иборат мебошад.

5.7.МТҒ «ДТИТ» ҳадафи худро дар омода намудани табибони баландихтисос мебинад, ки дорои донишҳои бунёдӣ, малака ва қобилияти эҷодкорона дар ҳалли масъалаҳои касбӣ буда, мавқеи устувори шаҳрвандӣ ва сифатҳои баланди ахлоқию маънавӣ доранд.

5.8.БТ МТОК ҳамгироии равандҳои таълим ва тарбияро дар назар дошта, ба ташаккули сифатҳои зеҳнӣ, фарҳангӣ ва ахлоқӣ, инчунин дониш, малака ва қобилиятҳое мусоидат менамояд, ки барои фаъолияти касбӣ ва идомаи таҳсил дар тӯли тамоми ҳаёт заруранд.



Сканировано с CamScanner

## 6. Вазифаҳои БТ МТОК

6.1. Вазифаҳои БТ МТОК инҳоянд:

- татбиқи талаботи стандартҳои давлатии таҳсилоти олӣ аз рӯи ихтисосҳо бо дарназардошти хусусиятҳои мактаби илмӣ-таълимӣ ва эҳтиёҷоти бозори меҳнати минтақавӣ;
- таъмин намудани сатҳи таҳсилоти олӣ на камтар аз меъёрҳои муқаррарнамудаи стандартҳои давлатӣ;
- Фароҳам овардани асос барои арзёбии объективии сатҳи воқеии ташаккули натиҷаҳои ҳатмии таҳсил ва салоҳиятҳои донишҷӯён дар ҳамаи марҳилаҳои омӯзиш;

6.2.Фароҳам овардани асос барои арзёбӣ ва худбаҳодиҳии фаъолияти таълимии МТҒ «ДТИТ »

6.3.Тахассуси хатмкунанда мувофиқи стандартҳои давлатии таҳсилот аз рӯи ихтисоси дахлдор муайян карда мешавад.

6.4.Муҳлати азхудкунӣ ва ҳаҷми умумии меҳнатталабии барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ мутобиқи талаботи стандартҳои давлатӣ муайян мегардад. Ҳаҷми меҳнатталабии азхудкунии БТ МТОК бояд ҳамаи намудҳои кори аудитории ва мустақили донишҷӯён, таҷрибаомӯзиҳо ва вақти барои гузаронидани онҳо ҷудошударо дар бар гирад. Ҳаҷми меҳнатталабии БТ МТОК ва қисмҳои таркибии он бо шумораи бутуни кредитҳо ифода мегардад.

6.5.Ҳаҷми меҳнатталабӣ дар як соли таҳсил ба 70 кредит баробар буда, сол аз ду семестр иборат аст. Ҳаҷми меҳнатталабии фан, таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолӣ набояд аз 2 кредит кам бошад. Фаъолияти таълимӣ аз рӯи барномаи специалитет бо забонҳои давлатӣ (тоҷикӣ), русӣ ва англисӣ амалӣ карда мешавад.

Низомнома дар ҷаласаи
Шурои олимони донишкада
аз “29” 08 2024 №_____
баррасӣ карда шудааст.



Сканировано с CamScanner